# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №36
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 21.02.2026, №01

Барои сазовор донистани Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат ба ҳимоя «21» феврали соли 2026, суратмаҷлиси №36 аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2023, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод, 20-уми апрели соли 1985 таваллуд шудааст.

Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод соли 2002 ба Донишгоҳи Иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2007 ихтисоси иқтисодчӣ менеҷмент хатм намудааст.

Солҳои 2016-2026 ҳамчун ассистент дар факултети “молия ва иқтисод” кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Данғара ба кор қабул шудааст.

Соли 2014 ба ҳайси аспиранти Донишгоҳи давлатии Данғара ба қайд гирифта шуда, соли 2019 шуъбаи аспирантураро хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро гардидааст.

Диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 06.12.2024, суратҷаласаи №9 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Мирсаидов Аврор Бобоевич професор доктори илмҳои иқтисодӣ, професор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

- **1. Ҷабборов Абдусаттор**, доктори илмҳои иқтисоди, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**2. Алимардонзода Тоҳирҷон Ашуралӣ** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе.

**Муассисаи пешбар** –Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат,

муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи маркази тахкикоти бозори мехнати МД “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”- и назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст  аз 20-уми январи соли 2026, суратмаҷлиси №3 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, директори «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон д.и.с. Махмадбеков М.Ш., эксперт (ташхисгар) ходими калони илмии маркази
тахкикоти бозори мехнат, н.и.и.  Васиев Ф.М. ва котиби ҷаласа  Ҳамдамова Н. имзо шуда, аз тарафи  директори «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон д.и.с. Махмадбеков М.Ш. аз санаи 20-уми январи соли 2026 тасдиқ  шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки  диссертатсия дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии ба итмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти меҳнат, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки маркази тахкикоти бозори мехнати МД “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”- и назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон  дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 9 мақолаи илмӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М] Абдуллозода Х.Х. Ҳадафҳои сиёсати давлатии шуғли аҳолии манотиқи деҳот дар замони муосир  [Матн] /Х.Х. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2413-5151. №1. - 2024, – С.100-107.

[2-М] Абдуллозода Х.Х. Консепсияи муосири стратегияи давлатии рушди шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Тоҷикистон [Матн] / Х.Х.

Абдуллозода // Кишоварз Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншох Шотемур. ISSN 2074-5435, №3 (96). – 2022. - С. 202-208.

[3-М] Абдуллозода Х.Х. Соҳаи шуғли алтернативӣ ва зарурати инъикоси он дар ҳаёт [Матн] / Х.Х. Абдуллозода // Кишоварзӣ Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншох Шотемур ISSN 2074-5435, №1 (86). – 2020. - С.121-127.

[4-М] Абдуллозода Х.Х. Муносибатҳои консептуалӣ ба таҳқиқоти шуғлнокии аҳолӣ [Матн] / Х.Х.Абдуллозода // Кишоварзӣ Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншох Шотемур ISSN 2074-5435, №2 (82). – 2019. - С.215-221.

[5-М] Абдуллозода Х.Х. Хусусиятҳои шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ [Матн] /Х.Х. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2413-5151. №3. - 2019, – С.70-76.

Б) **интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ.**

[6-М] Абдуллозода Х.Х. Шуғлнокии алтернативӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт [Матн] / Х.Х. Абдуллозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Занон ва рушди илми муосир”. Нашриёти ДДД. – Душанбе “ЭР-граф”, 2022. - С. 5-11.

[7-М] Абдуллозода Х.Х. Шуғлнокии алтернативӣ дар соҳаҳои ғайрикишоварзии минтақаҳо [Матн] / Х.Х.Абдуллозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Вазъи муосири рушди индустриалӣ-инноватсионии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди онҳо». ИИД АМИТ . – Душанбе , 30 ноябри 2021. - С. 56-60.

[8-М] Абдуллозода Х.Х. Саҳми занон дар рушди саноат [Матн] / Х.Х. Абдуллозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Занон ва рушди илми муосир”. Нашриёти ДДД. – Душанбе “ЭР-граф”, 2021. - С.85-88.

[9-М] Абдуллозода Х.Х. Тамоюли асосии иҷтимоӣ-иқтисодии татбиқи стратегияи миёнамуҳлати рушд [Матн] / Х.Х.Абдуллозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Занон ва рушди илми муосир”. Нашриёти ДДД. – Душанбе “ЭР-граф”, 2017. - С.202-208.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид шуданд:**

**Аз доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ Одиназода Шоҳин Талбак бо чунин эродҳо:**

1. Дар қисмати «Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо» аз тарафи муаллиф оиди эътимоднокии онҳо мушаххастар пешниҳод нагардидааст.
2. Бо вуҷуди сатҳи баланди илмии таҳқиқот, мувофиқ мебуд, агар муаллиф дар кор механизмҳои амалӣ ва тавсияҳои мушаххаси сиёсати давлатӣ оид ба рушди шуғли алтернативӣ дар деҳот бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ васеътар пешниҳод мегардиданд.

**Аз доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори идоракунии молияи давлатӣ**

**ва иқтисоди рақамӣ Досиев М.Н. бо чунин эродҳо:**

1. Аз ҷониби муаллиф таҳлили омилҳои таъсиррасон барои баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти шуғли алтернативӣ дар соҳаҳои кишоварзии деҳотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи кам зоҳир гардидааст.

**Аз номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз дар комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширинхоҳ Шоҳтемур, дотсент Олимов А.Х. бо чунин эродҳо:**

1. Самтҳои асосии мукаммалгардонии методҳои шуғли алтернативӣ нисбатан маҳдуд шарҳ дода шудааст.

**Аз номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсенти кафедраи “Менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинг”-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Имомназаров М.А. эродҳои зерин:**

1. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти рушди шуғли алтернативӣ аз ҷониби муаллиф пурра инъикос нагардидааст;
2. Маълумотҳои таҳлилӣ асосан ба соли 2020 мансуб буда, дар ҳоле ки ҳимояи рисола соли 2026 анҷом ёфтааст, навсозии оморӣ ба таври кофӣ таъмин нашудааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- асоснок карда шудааст:** сиёсати давлатии шуғлнокии аҳолӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ арзёбӣ шуда, моҳияту механизми татбиқи он бояд дар заминаи муқаррароти муаллифии моҳияти шуғл дар низоми иқтисоди бозорӣ ҳамчун раванди иштироки фаъоли аҳолии қобили меҳнат дар намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, ки дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ бо кордеҳон, фаъолияти соҳибкорӣ, худмашғулӣ ва тавассути муҳоҷирати меҳнатӣ сурат гирифта, ҳифзи иҷтимоии онҳо аз тарафи давлат таъмин мешавад, мукаммал гардад;

**- исбот карда шудааст**, ки шуғли алтернативӣ маҳсули раванди объективии суръатгирии диверсификатсияи шуғл буда, хонаводаҳо ва ё оилаҳо якчанд намудҳои гуногуни корро интихоб мекунанд ва ё пурра ба бахши ғайрикишоварзӣ мегузаранд, ки ба онҳо имкониятҳои бештари даромадро меорад; заминаҳои пайдоиши шуғли алтернативӣ, ки аз мазмуни низоми устувори воситаҳо барои зиндагӣ бармеоянд асоснок карда шуда, масъалаҳои методии арзёбии шуғли алтернативӣ аниқ карда шудааст;

**- пешниҳод карда шудааст**: роҳҳои мукаммалгардонии механизми дастгирии давлатии ташкили шаклҳои алтернативии шуғлнокӣ дар самти ҳунарҳои мардумӣ (гулдӯзӣ, бофандагӣ ва тӯрбофӣ аз пӯстлохи дарахт, ҷалғӯза ва г.), инчунин дар самти агротуризму асалпарварӣ ва коркарди саноатии ашёи хоми маҳаллӣ (истеҳсолоти бофандагӣ аз матоъҳои тибитдор, ҷамъоварӣ, коркард ва фурӯши минбаъдаи меваҳои худрӯй, занбурӯғҳо ва ғайраҳо);

**– коркард шудааст**: асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои коркарди самтҳои стратегии рушди соҳаҳои шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот, ки зарурати инъикоси онро дар сиёсати давлатии шуғл тақозо менамояд; зеро иқтисодиёти деҳот ҳамчун низоми мураккаби соҳаҳо ва намудҳои мухталифи фаъолият, маҷмуи иштирокчиёни (агентҳои хоҷагидори

гуногун) муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ҷиҳати истифодаи захираҳои манотиқи деҳот ба миён омадааст, рушд кардааст;

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

**- тавсифу тавзъеи мукаммали вазифаҳо** ва татбиқи принсипҳои асосии сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар доираи барномаи давлатии рушди деҳот, ки ба паст намудани сатҳи бекорӣ, баланд шудани сатҳи шуғли аҳолии деҳот ва кафолат додани афзоиши даромад, аз ҷумла аз ҳисоби намудҳои алтернативии фаъолият, фаъолияти ғайрикишоварзӣ мусоидат менамояд;

**- ошкор намудани** омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ, ки ба рушди шуғлнокии алтернативӣ мусоидат менамоянд: сатҳи пасти рушди инфрасохтори иқтисодиёти деҳот, номукаммалии муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ниҳодҳои танзимкунандаи ин муносибатҳо; дараҷаи баланди афзоиши аҳолӣ, баланд будани сатҳи бекорӣ, бахусус, бекории занон, нобаробарии даромадҳо, тарки ихтисосмандони соҳибкасб аз соҳаи кишоварзӣ ва ғ., ки самтҳои афзалиятноки такмилу татбиқи сиёсати шуғлро дар марҳалаи муосир муаяйн менамоя;

– тамоюлоти тағйирёбии бозори меҳнати манотиқи деҳот пайваста, диверсификатсияи истеҳсолот, принсипҳои нави фаъолияти иқтисодии аҳолӣ, пеш аз ҳама бо тағйирёбии шаклҳои моликият, табодули талабот ба касбҳои муайян, васеъ шудани миқёси бахши ғайридавлатии иқтисодиёт, ки рушди бахши шуғли алтернативиро мусоидат намуда ҳамчун итилооти илми нав барои таҳкими самтҳои афзалиятноки сиёсати шугғлхидмат менамояд;

**- коркарди асосҳои** консептуалии таҳияи стратегия барои барномаҳои рушди шуғли алтернативӣ ва алгоритми таҳияи он дар иқтисодиёти деҳот вобаста ба шароити манотиқи деҳоти гуногуни мамлакат, ки дар ғани гаштани назарияи шуғли аҳоли саҳм мегузорад;

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки муқарраротҳои дар диссертатсия омадаро метавон ҳангоми таҳияи курсҳои таълимӣ ва маводи методӣ оид ба фанҳои «Назарияи иқтисод», «Иқтисодиёти меҳнат», «Ташкили КАС» ва курси махсуси «Шуғли аҳолӣ» ва ғайраҳо истифода кард. Тавсияҳои методии ташкили мониторинг ва омӯзиши шуғли ғайрикишоварзӣ ва танзими он дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, ки дар диссертатсия коркард шкудаанд, якчанд шуъбаҳои шуғли аҳолии ноҳияҳои ин минтақа барои иҷро қабул намудаанд.

**- хулосаҳо ва пешниҳодҳои** амалии дар диссертасия ҷойдошта имконият медиҳад, ки:

- дар таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои шуғлнокӣ истифода карда шаванд;
- пояи назариявии таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун замина ҳангоми коркарди механизмҳои дастгирии давлатӣ ин намуди шуғлнокӣ истифода гардад;
- мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ имконият медиҳад, ки назарияи шуғл, роҳҳои методологии таҳқиқот, баҳогузорӣ ва танзими шуғлнокӣ васеъ гардонида шавад;

- **коркарди тавсия доир ба** лоиҳаҳои ояндадори сармоягузорӣ, ки аз руи ҳисобҳои пешакӣ самараи баланди иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳияи кофӣ

доранд: лоиҳаҳо доир ба ташкили комплексхои сермаҳсул ва бисёрсоҳаи истеҳсол ва коркарди пурраи маҳсулоти зироат ва чорво; лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки корхонаҳоро ба комплекси ягонаи инноватсионии парвариши зироатҳои техникӣ ва корхонаҳои коркарди хӯроки омехта ва иловаҳои биологӣ муттаҳид менамоянд; асоснок карда шудааст, ки барои таъминоти молиявии лоиҳаҳо муқаррар кардани квотаи соҳавӣ ба объектҳои КАС ба мақсад мувофиқ аст;

- **коркарди асосҳои консептуалӣ** ва принсипҳои таҳияи самтҳои стратегии рушди соҳаҳои шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот вобаста ба шароитҳои манотиқи деҳоти гуногуни мамлакат барои таҳкими сиёсати давлатии шуғли алтернативӣ нақши калидӣ дорад;

- **асоснокунии тавсияҳои** амалӣ доир ба такмили механизмҳои дастгирии давлатии ташкили шаклҳои алтернативии шуғлнокӣ, ки барои таъмини шуғлнокии пурмаҳсул дар иқтисодиёти деҳот мусоидат менамояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот нишон дод, ки:**

- асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзуи интихобшуда ва заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мусоида ба баланд шудани сатҳи шуғлнокии аҳолӣ, маводҳои илмию методии конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, инчунин маводҳои Интернет ташкил медиҳанд.

- **ғояи таҳқиқот** дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар он мавҷуд будани ҳиссаи баробари бозори меҳнати себахша дар манотиқи деҳот (шуғли расмӣ, ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ) таъкид шудааст, ки ба таъмини шуғли фарогири аҳолӣ мусоидат менамояд, бармеояд. Инчунин, таҳқиқот дар асоси барномаҳои давлатии рушди минтақаҳои деҳоти мамлакат, Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2023, ки мутобиқ ба "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" (1-уми августи соли 2003 №44) таҳия гардидаасту дар он маҷмӯи тадбирҳоро оид ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, рушди касбии захираҳои меҳнатӣ, мусоидат ба шуғли занон ва ҷавонон ва рушди фарогири соҳибкории хурду инфиродӣ ва ғайра пешбинӣ шудааст, сурат гирифтааст.

Манбаи иттилоотии таҳқиқотро маълумотҳои расмии омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагиҳои минтақавии он, захираҳои иттилоотии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои мақомоти идоракунии соҳаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, маводҳои матбуоти даврӣ ва мақолаҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои муайян кардани миқёс ва хислати шуғли ғайрирасмӣ дар ҳудуди деҳоти мамлакат бахшида шудаанд, инчунин, мушоҳида ва коркарди натиҷаҳои пурсишномаҳои аз тарафи муаллиф дар ноҳияҳои алоҳидаи вилояти Хатлон гузаронидашуда, ташкил додааст.

- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи амсилаҳо ва равишҳои шуғли аҳолӣ, аз он ҷумла алтернативӣ ва коркарди тавсияҳо бахри баландбардории сатҳи шугаҳоли дар иқтисодиёти деҳот истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштаи шуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар таҳқиқи назарияи шуғли алтернативӣ ва коркарди тавсияҳои амалии танзими он, таҳқиқи сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографии бавуҷудоии ин намуди шуғл ва муайян намудани тамоюли тағйироти микёсии он саҳм гузоштааст. Ҳамзамон, зарурати илмии муайян намудани паёмадҳои мусбии иҷтимоӣ-иқтисодии мавҷудияти чунин намудҳои шуғлро, ки дар сиёсати давлатии шуғл инъикос ёбанд, асоснок намудааст.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байнидонишгоҳӣ (солҳои 2012-2024) пешниҳод гардида, дастгирӣ ёфтанд. Хулоса ва натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар якчанд конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Дангара (солҳои 2012-2024), Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ (солҳои 2020-2024), дар ҳамоиши олимони ҷавони Тоҷикистон ва ғайраҳо баррасӣ шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Матлабҳо ва тавсияҳои таҳқиқот дар 9 кори илмӣ дар ҳаҷми умумии 6,5 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 21 феврали соли 2026 қарори сазовор донистан  Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор  15 нафар, муқобил, бюллетени беэътибор  - нест.

Раиси шурои
диссертатсионӣ, д.и.и., и.в. профессор — Қодирова З.Ҳ.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент — Машокиров Ҷ.Н.

Санаи барасмиятдароии хулоса 21.02.2026